5) муайян намудани объектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва реҷаи ҳуқуқии онҳо;
6) таҳлили санадҳои меъёри ҳуқуқии мустақиман ё бавосита танзимкунандаи фаъолияти инноватсионӣ;
7) муайян намудани доираи шартномаҳои дар бахши фаъолияти инноватсионӣ истифодашаванда ва таҳлили онҳо;
8) кор карда баромадани тавсия ва таклифҳои мушаххас баҳри баланд бардоштани асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти инноватсионӣ.

**Объекти тадқиқот.** Объекти тадқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, дар робита бо пешбурди фаъолияти инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи тадқиқот.** Ба сифати мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалии зимни танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ истифодашаванда, назария ва амалияи танзими ҳуқуқӣ дар ин бахш, инчунин фикру андешаи ҳуқуқшиносон ва олимон-иқтисодчиён ба ҷанба ва паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад.

Тадқиқоти диссертатсионӣ, як давраи аз лиҳози таърихӣ начандон тулони - бистсолаи аввали садсолаи кунунӣ, яъне давраи рӯи кор омадани сохторҳои инноватсионӣ ва ташаккул ёфтани базаи меъёрӣ – ҳуқуқӣ фаъолияти инноватсиониро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсиониро** корҳои олимон-ҳуқуқшиносони ватанӣ Д.К. Бобоев, А.В. Золотухин, Ш.М. Исмоилов, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзод, Т.И. Султонова, Н.Шонасридинов, инчунин корҳои олимон – ҳуқуқшиносони россиягӣ И.М. Брагинский, В.В. Витрянский, В.А. Дозортсев, В.В. Волинкина, Н.Д. Коршунов, С.С. Алексеев, В.В. Лаптев, О.А. Городов, И.В. Дойников, Г.Д. Отнюкова, И.А. Зенин, Б.И. Пугинский, А.П. Сергеев, Е.А. Суханов, В.С. Мартемянов ва дигар олимон ташкил намудаанд.

Зимни навиштани кори диссертатсионӣ, аз корҳои олимон-иқтисодчиёни ватанӣ Г.Ш. Алиева ва С.Д. Камилов, инчунин олимон-иқтисодчиёни мамлакатҳои хориҷӣ Л.А. Абалкин, А.Г. Азгалдов, А. Амосов, Ж. Бел, В.П. Зинова, В.В. Иванов, Г. Кан, А.Н. Козирев, Д.И. Кокурин, В.М. Коновалов, Н.Д. Кондратьев, А.Г. Куликов, В.Н. Лапин, Г.А. Лахтин, В.Н. Макаров, Ф. Махлуп, В.Г. Медынский, И.Н. Молчанов, Н.А. Новицкий, А.И. Пригожин, Б. Санто, И. Шумпетер, Ю.В. Яковец, Е.Г. Ясин истифода шудааст.

**Асоси методологии тадқиқотро** чунин усулҳои умумӣ-илмӣ ва мухсуси илмии тадқиқот-усули диалектикӣ, усули таҳлили системавӣ, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, усули расмӣ-мантиқӣ ва дигар усулҳои тадқиқоти илмӣ ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва энпирикии тадқиқотро** қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои дахлдори байналмилалӣ, инчунин монографияҳои илмӣ оид ба масоили ба инноватсия алоқаманд, маводҳои конференсияҳои мухталиф, мақолаҳои дар нашрияҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба чоп расида, маводҳо аз фаъолияти амалии баъзе аз паркҳои технологӣ ва

дигар сохторҳои дар бахши фаъолияти инноватсионӣ машғулбуда, ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар он бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои гуногуни инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ аз назари нав ва ба таври мукаммалу фарох мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода шуда, холигиҳои дар механизми танзими ҳуқуқии он нуҳуфта ошкор, хулоса ва муқарраротҳои нави назариявии асосу пояҳои назариявии фаъолияти инноватсиониро аниқтар менамуд, инчунин тавсия ва таклифҳои амалие, ки самаранокии механизми танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсиониро тақвияти бештар мебахшанд, кор карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

**I. Нуқтаҳои хусусияти назариявӣ дошта:**

1. Аз назари мо, инноватсия бояд ҳамчун бозёфт ва донишҳои нави илмӣ, ғояҳо, консепсияҳои эҷодӣ, технологияҳои нав, коркардҳо, усул ва тарзҳои нави истеҳсол фаҳмида шавад, ки дар молҳо маҳсулот, маснуот, таҷҳизот, технологияҳо, намудҳои кору хизматрасониҳои нав ва (ё) аз лиҳози сифат ба таври назаррас беҳтаркардашуда (такмилдодашуда), ки ба муомилоти маданӣ ба мақсади ба даст даровардани фоида баровардашудаанд, таҷассуми худро ёфтаанд.

2. Инноватсияҳоро бо дарназардошти ҳудуди истифода (паҳншавӣ), соҳаи истифода, дараҷаи навгонӣ, хусусият ва манбаҳои молиякунонӣ ва дараҷаи маълум (дастрас) будан, тавсиф намуданашон ба мақсад мувофиқ аст, зеро истифодаи чунин маҳакҳо имкон медиҳад моҳият ва хусусиятҳои ҳар яке аз ин инноватсияҳо, инчунин мувофиқи мақсад ё зарур будани танзими ҳуқуқии онҳо возеҳ муайян карда шавад.

3. Фаъолияти инноватсионӣ фаъолияти зеҳнию эҷоди мебошад, ки аз тарафи субектҳои он дар асоси касбият баҳри эҷоди инноватсияҳо ва объектҳои инноватсионӣ дар молҳо, маҳсулот, маснуот, таҷҳизот, технологияҳо, кору хизматрасониҳои нав ё (ва) аз лиҳози сифат ба таври назаррас беҳтаркардашудаи (такмилдодашудаи), баҳри ба даст даровардани фоида (даромад) ба муомилоти маданӣ баровардашуда, таҷассум мешаванд, ба амал бароварда мешавад.

4. Барои фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун фаъолияти зеҳнию эҷодӣ, касбият нақши муҳимро мебозад, зеро субъектҳои дар асоси

касбият ба амал бароварандаи он, бояд дорои сатҳи зарурии дониш, малака ва таҷриба дар соҳаи кори (фаъолият) худ бошанд.

Он ҳамчун аломати муаянкунанда, сатҳи омомдагӣ ва қобилияти субъектҳои фаъолияти инноватсиониро муайян менамояд. Субъектҳои дорои сифатҳои зарурии касбӣ, қодиранд ҳарчӣ самараноктар ғояҳои эҷодии худро дар ҳаёт татбиқ намуда, бобарории ташаббусҳои инноватсионии худро боло бардоранд.

5. Бемайлон афзудани тамоюли тиҷоратишавии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ асоснок карда шудааст, ки бо амалӣ шудани он тақвият гирифтани асоси молиявии фаъолияти мазкур, баланд рафтани самаранокӣ ва рақобатпазирии он ва дар ниҳоят, ба вуҷуд овардани иқтисодиёти ба дараҷаи баланд инкишофёфтаи миллӣ, ки некуаҳволии аҳолии мамлакат ва баланд бардоштани сифати зиндагии онро таъмин мекунад, робитаи ногусастанӣ дорад.

6. Шартномаи консессияи тиҷоратиро наметавон бо шартномаҳои хизматрасонии музднок ва литсензионӣ шабеҳ донист, бо вуҷуди дар онҳо ҷой доштани баъзе аломатҳои соф зоҳирӣ. Мустақил ва алоҳида будани шартномаи консепссияи тиҷоратӣ дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ бо доштани мавзуъ, мақсад ва ҳайати махсуси иштирокчиёни он собит мегардад.

**II. Нуқтаҳои хусусияти амалидошта:**

7. Бо дарназардошти аз лихози зенхни ва эчоди қарин будани корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ-конструкторӣ ва технологӣ, пешниххoд мегардад, ки шартномаҳо оид ба иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯи аз қатори шартномаҳо оид ба иҷрои корҳои паймонкорӣ хориҷ карда шуда, ба боби 42 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба шарномаҳо оид ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ-конструкторӣ ва технологӣ бахшида шудааст, ҳамроҳ карда шаванд.

Чунин ҷойивазкунӣ ба он мусоидат мекунад, ки ин шартномаҳо дурусттар таснифбандӣ ва танзим шуда, табиати ҳуқуқӣ ва қаринии онҳо бо дигар шартномаҳо муайян шавад. Чунин ҷойивазкунӣ, инчунини метавонад фаҳмиш ва мувофиқасозии ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо метавонанд дар худ таърифҳои возеҳи ҳар як истилоҳ, расмиёти гирифтан ва бозпас гирифтани литсензия, инчунин механизми баррасии ихтилофот ва баҳсҳои ба моликияти зеҳнӣ алоқамандро дар бар гиранд. Инчунин, аниқ намудани ҷанбаҳои

ҳуқуқии бо таҳвил ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ алоқаманд тавассути сублитсензия пешниҳод мешавад. Ин имкони ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳниро фароҳам сохта, ба инкишофи инноватсионӣ мусоидат намуда, барои лиитсензионар (дорандаи ҳуқуқ), литсензият ва дигар иштирокчиёни фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои равшанро таъмин менамояд.

8. Пешниҳод мегардад, ки ба фасли VI Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба институти моликияти зеҳнӣ бахшида шудааст, моддаи алоҳида оид ба шартномаи литсензионӣ дар таҳрири зерин илова карда шавад: “Шартномаи литсензионӣ – созише, ки тибқи он дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ба натичаи фаъолияти зеҳнӣ ё воситаи фардикунонӣ (литсензиар) уҳдадор мешавад ба тарафи дигар (лицензиат) ҳуқуқи истифодаи чунин натиҷа ё воситаи фардикунониро бо шартҳо ва тартибӣ дар шартнома пешбинишуда, диҳад.

9. Пешниҳод мегардад, ки матни моддаи 1244 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар шуда, дар таҳрир зайл ифода карда шавад: тибқи иҷозатдиҳии озод, дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ба натиҷай фаъолияти зеҳнӣ ё воситаи фардикунонӣ (литсензиар) метавонад ҳуқуқи истифодаи чунин натиҷа ё воситаро бо имконияти барои худ нигоҳ доштани ҳуқуқи ба шахси сеюм ба ихтиёри литсензиат гузорад”

10. Азбаски Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи парки технологӣ” танҳо бо номбар намудани парки инноватсионӣ-технологӣ, (тиҷорат-инкубатор) ҳамчун шаклҳои алоҳидаи парки технологӣ маҳдуд шудааст, пешниҳод мегардад, ки барои ҳар яке аз ин шахсҳо қонунҳои алоҳида, ки шакли мушаххаси ташкилӣ-ҳуқуқӣ, сохтор, мақсад, вазифаҳо ва мақоми ҳуқуқии онҳоро муайян мекарда бошанд қабул карда шаванд.

Ин имкон медиҳад танзим ва дастгирии фаъолияти ин шаклҳои парки технологӣ самараноктар гардад. Ҳамзамон муҳим аст, ки зимни таҳияи чунин қонунҳо ба ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқасозии меъёру муқаррароти онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, то ки танзими ҳамоҳангшуда ва самараноки ҳуқуқии фаъолияти шаклҳои алоҳидаи паркҳои технологӣ таъмин гардад.

Бо дарназардошти аҳамият ва муҳимияти инжиниринг ва хизматрасониҳои инжинирингӣ дар муҳайё намудани шароитҳо бахри

ҷорӣ намудани инноватсияҳо, инчунин аҳамият ва муҳимияти маркетинг ва хизматрасониҳои маркетингӣ дар фароҳам сохтани шароит ҷиҳати фӯрӯши натиҷаҳои (объектҳои) фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ, ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани меъёру муқаррарот оид ба инжиниринг ва хизматҳои инжирингӣ, маркетинг ва хизматҳои маркетингиро мувофиқи мақсад меҳисобем.

12. Бо дарназардошти он ки сирри истеҳсолӣ (Ноу-Хау)- яке аз объектҳои аҳамиятнок ва муҳими фаъолияти зеҳнӣ аз ҷумла инноватсионӣ мебошад, қабули қонуни алоҳида дар бораи он аз аҳамият холӣ нест, он тавре, ки чунин қонунҳо дар бораи дигар объектҳои фаъолияти зеҳнӣ қабул шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ** дар инкишоф додани назарияи танзими ҳуқуқии инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ ифода меёбад. Хулоса ва муқаррароти назариявии дар кори диссертатсионӣ ифодаёфтаро метавон зимни анҷом додани тадқиқотҳои минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаҳои инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ мавриди истифода қарор дод.

Таклифу тавсияҳои амалии аз тарафи муаллиф кор карда баромадаро баҳри боз ҳам мукаммалтар намудани механизми танзими ҳуқуқии инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ, инчунин баландтар бардоштани самаранокии он метавон истифода намуд.

Аз маводҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ба мақсадҳои таълимӣ, зимни гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз рӯи фанни “Ҳуқуқи соҳибкорӣ” ва курси махсуси “Танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ” метавон истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионнӣ.**

Эътимоднокии натиҷаҳони тадқиқоти диссертатсионӣ ба он собит мегардад, киoнҳоро муаллиф дар натиҷаи анҷом додани таҳлилу тадқиқи комплексӣ, системавӣ ва воқеъбинонаи тамоми ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои тадқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03-Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар тадқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки тадқиқотро шахсан унвонҷӯй анҷом додааст ва хулосаю муқаррароти назариявӣ, инчунин таклифу тавсияҳои дар тадқиқоти диссертатсионӣ ҷойдошта, ба ӯ таалуқ доранд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои татқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат омода, муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Нуқтаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои муддавари зерин дар шакли маърӯза ироа ва дар маҷмӯаи маводҳои онҳо интишор шудаанд:

- Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ" (7-уми октябри соли 2021, – Душанбе, 2021);
- Мизи муддавар бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (Душанбе, июни соли 2021);
- Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Методологияҳои танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия” (Душанбе, октябри соли 2022);
- Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқишиносии ДМТ, бахшида ба “75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” (Душанбе, 5 майи соли 2023).
- Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “ Масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо (бахшида ба 15-солагии таъсисёбии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидани соли 2024) (Душанбе, 24 декабри соли 2024). –Душанбе, 2024.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия унвонҷӯй 11 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, ба чоп расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми тадқиқоти диссертатсионӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, ки 8 зербобро дар бар мегиранд,

хулоса ва феҳристи адабиётҳои истифодашуда ибор аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 198 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Мухтавои асосии диссератсия.**

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок, дараҷаи тадқиқи мавзуи диссертатсия, робитаи тадқиқот бо барномаҳои (лоиҳаҳои) мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, предмет, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои меъёрӣ ва эмпирикии он муайян, навгонии илмии тадқиқот, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда манзур, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои тадқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар кори анҷомдодашуда инъикос шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Муқарраротӣ умумӣ оид ба фаъолияти инноватсионӣ”**, аз чор зербоб иборат аст, ки дар онҳо масъалаҳои назариявии ба мафҳум, моҳият, намудҳои инноватсия, мафҳум, аломатҳо ва табиати ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, субъектҳо ва объектҳои фаъолияти инноватсионӣ, инчунин манбаҳои танзимкунандаи ҳуқуқиии ин фаъолият дахлдошта, таҳлил ва тадқиқ шудаанд.

Зербоби аввали боби якуми кори диссертатсионӣ ба **“Мафҳум, моҳият ва намудҳои инноватсия”**, номгузорӣ шудааст.

Дар маъхазҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ таърифҳои зиёд ва гуногунмаъноӣ инноватсия дода шудааст, ки шиносоӣ бо онҳо ба муаллиф имкон додааст, то дар хусуси ҷой доштани якчанд назар оид ба тавзеҳи мафҳуми инноватсия изҳори назар намояд.

Якум, тавзеҳи инноватсия ҳамчун “ҷараён”, ки ҷиҳати: табдил додани донишҳо ва ғояҳо ба маҳсулот ё хизмати арзиши истеъмолӣ дошта, ба ихтироот, иттилоот, ноу-хау ё ғоя додани мазмуни иқтисодӣ; истифодаи ғояҳо, ихтироотҳо ба мақсади ба вуҷуд овардани маҳсулоту маснуот, технологияҳои аз лиҳози сифати беҳтар баҳри ба даст даровардани даромади (фоидаи) иқтисодӣ равонашуда; ба вуҷуд овардан, паҳн ва истифода намудани навоварӣ ба мақсади қонеъ гардонидани ниёзмандиҳои муайян; ҷорӣ намудани маҳсулотҳои тамоман нав ё навкунии маҳсулотҳои алакай маълум; ба муомилоти граждани дохилнамудани навовариҳо ва ҳ.к. Намояндагони чунин тавзеҳи мафҳуми инноватсия Б. Твисс, Б. Санто, Л.И. Лапин, А.И. Пригожин, В.С. Толстой, И.В. Тихомиров, Н.И. Розанова, Н.Г. Грек,

С.А. Сударникова, Г.А. Краюмен, В.Г. Мединский, Д.Г. Скамай, Ю.П. Марозов, А.И. Гаврилов, А.Г. Городов ва дигар олимон мебошанд.

Нигоҳи дуюм ба мафҳуми инноватсия дар он зоҳир мегардад, ки тарафдорони он инноватсияро ба маъноҳои зерин тавзеҳ медиҳанд: истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ (илмӣ-техникӣ); истифодаи даромадноки навоварӣ дар намуди технологияҳо, намудҳои маҳсулот, ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодии нави хусусияти истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ ва дигар хусусият дошта; истифодаи натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ ва коркардҳо баҳри такмили равандҳои фаъолият, истеҳсолот, муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар бахши илм, фарҳанг, таҳсилот ва дигар бахшҳои фаъолияти ҷамъиятӣ нигаронидашуда (П.Н. Завлин, А.К. Казансев, А.Э. Мендели, Ю.П. Морозов, С.Д. Иленкова, В.А. Швандар, С.Ю. Гохберг).

Намояндагони нигоҳи сеюм, инноватсияро чунин тавзеҳ медиҳанд: ҳама гуна дигаргунсозии техникӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва идоракунии аз амалияи дар корхонаҳои алоҳида мавҷудбуда тафовутдошта; дигаргунсозии мақсаднок дар фаъолияти корхона ҳамчун низоме, ки метавонад дар дигаргунсозиҳои миқдорӣ ва сифатии дар ягон бахши фаъолияти корхона ба вуҷуд омада, ифода ёбад; дигаргунсозии мақсадноки ҳама гуна низоми иҷтимоӣ-иқтисодии дар шароитҳои дараҷаи баланди номуайяни тараққикунанда, ки имкон медиҳад ҷанбаҳои сифатии ин низомро тағийр дода, онро ба сатҳи баланди ҷаҳонӣ бардорад; дигаргунсозӣ дар техника, ташкил иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоии корхона (Л.С. Барютин, Г.И. Житс, М. Хугек Й др.).

Аз нигоҳи чорум, ки хеле маъмул аст, инноватсия ҳамчун натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ (М.П. Ашуралиев, О.А. Городов, Е.Ю. Кузнетсов, К. Сафаров, Г.С. Гамилов, В.Г. Колосов, Н.О. Османов), эҷодӣ (В.Г. Горохов, В.Х. Халипов, П.Я. Киперман) тавзеҳ дода шудааст.

Дар асоси таҳлили амиқи ин нигоҳҳо, муаллиф таърифи худии мафҳуми инноватсияро пешниҳод намудааст, ки тибқи он зери мафҳуми инноватсия, бояд донишҳои илмӣ, ғояҳо, коркардҳо, усулҳо ва дастовардҳои технологии нави дар молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), маҳсулот, таҷҳизот, технологияҳои нав ё аз лиҳози сифат ба таври назаррас беҳтаргардонидашуда (такмилдодашуда), таҷассумёфта, ки баҳри ба даст даровардани даромад (фоида) ба муомилоти маданӣ бароварда шудаанд, фаҳмида шавад.

Дар зербоби дуюми боби якуми кори диссертатсионӣ **“Мафҳум, аломатҳо ва табиати ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ”** тамоми тарифҳои гуногуни дар маъхазҳои илмӣ ва дар сатҳи қонунгузорӣ тарифҳои пешниҳодшудаи мафҳуми фаъолияти инноватсионӣ иброз шудаанд. Муаллиф таърифҳои ҷой доштаи мафҳуми фаъолияти соҳибкориро ҳамаҷониба таҳлил намуда, дар онҳо камбудиҳои ҷиддиро дарёфт намудааст. Якум, дар ин таърифҳо набудани ишора ба хусусияти зеҳнӣ ва эҷодӣ доштани фаъолияти инноватсионӣ, ба истиснои таърифи дар китоби Н.И. Лапин, А.И. Пригожин, Б.В. Сазонова сабтшуда. Дуюм, он ки дар онҳо фаъолияти инноватсионӣ моҳиятан дар доираи истеҳсоли молу маҳсулоти нав ё аз лиҳози сифат беҳтар кардашуда (такмилдодашуда) ва ба фуруш баровардани онҳо ҷиҳати ба даст даровардани даромад(фоида) маҳдуд гардонида шудааст.

Муаллиф чунин меҳисобад, ки фаъолияти инноватсиониро набоист танҳо дар доираи истеҳсол ва фуруши молу маҳсулоти нав ё сифатан ба таври назаррас беҳтаркардашуда (такмилдодашуда) маҳдуд намуд. Фаъолити инноватсионӣ ҳамчун фаъолияти хусусияти системавӣ дошта ва бисёрҷанба, давраҳои гуногунро дар бар мегирад, ки дар ҳар яке аз онҳо объектҳои таъиноти гуногун ва вижагиҳои фарқкунанда дошта истеҳсол мешаванд.

Дар асоси таҳлили амиқи таърифҳои дар маъхазҳои илмӣ ва санадҳои дахлдори маъёрии ҳуқуқӣ ҷойдошта, муаллиф фаъолияти инноватсиониро ҳамчун фаъолияти зеҳнию эҷодӣ муайян мекунад, ки аз тарафи субъектҳои он дар пояи касбият ҷиҳати коркард (ба вуҷуд овардан) ва ба муомилоти маданӣ ба мақсади ба даст даровардани фоида (даромад) баровардани инноватҳо ва объектҳои инноватсионӣ муайян мекунад.

Дигар масъалае, ки боиси баҳсу мунозираи олимон гаштааст, масъала дар бораи эътироф намудани фаъолияти инноватсионӣ ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Гурӯҳе аз муаалифон фаъолияти инноватсиониро бе ҳеҷ шубҳа фаъолияти соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) меҳисобанд (В.С. Мартемянов, В.Ф. Яковлева, И.В. Ершова, Е.П. Губин, П.Г. Лахно, А.Н. Толкачёв, В.Г. Медынский, Л.Г. Скамай, О.И. Худокормова, Д.О. Отнюкова, Л.А. Евсеева ва дигарон).

Гурӯҳи дигари олимон бошад (масалан, В.Ф. Попондопуло, Т.Ф. Ефимсева) ба сифати фаъолитяти соҳибкорӣ эътироф намудани

фаъолияти инноватсиониро бо ҷой доштани баъзе шартҳо алоқаманд менамоянд.

Он олимоне, ки фаъолияти инноватсиониро ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ меҳисобанд, тамоми аломатҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ мансуб бударо, хоси фаъолияти инноватсионӣ медонанд, ки чунинанд: мустақил будани (аз ҷумла, аз лиҳози молу мулкӣ ва ташкилӣ) он; хусусияти системавӣ доштан; равона будани он баҳри мунтазам ба даст овардани фоида (даромад); бо таваккал алоқаманд будани он.

Як зумра олимон боз ба як аломати ба андешаи онҳо муҳиму муайянкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар қонунгузорӣ ёдрас нашудааст, яъне ба аломати касбият, ко он ҳамчун пеш бурдани ин фаъолият аз тарафи субъектҳои дорандаи касбу тахассус ва иттилооти барои қабул ва амалӣ намудани қарор дар хусуси пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ зарур, мувофиқи қоида ва усулҳои муайян пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ, ҷавобгӯй будани натиҷаҳои ин фаъолият ба талаботҳои муайяни хусусияти меъёрӣ дошта, зери назорати мақомотҳои давлатӣ қарор доштани ин фаъолият, мавҷуд будани кафолатҳои давлатӣ барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ (О.М. Олейник); доштани маълумот, малака дараҷаи зарурии тахассус ё давстовардҳо дар бозор, ноил гаштан ба натиҷаҳои пурсамари ниҳоии соҳибкорӣ (Е.П. Губин, П.Г. Лахно): доимӣ будани ин фаъолият (Н.Шонасридинов) маънидод мешавад, ишора намудаанд.

Олимоне низ ҳастанд, ки дар ин бора мавқеи то андозае дигарро ишғол мекунанд ва иброз медоранд, ки касбият на ҳамеша ба сифати аломати муайянкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунад, ба истиснои фаъолияти тиббӣ, бонкӣ ва баъзе дигар намудҳои фаъолият (Раҳимзода М.З.). Чунин ақидаро, инчунин дигар олимон ҷонибдоранд (масалан, Т.И. Султонова).

Дигар аломати муайянкунандаи фаъолитяти инноватсионӣ, таваккалӣ будани он мебошад. Баъзе аз муҳаққиқон таваккалро бо эҳтимолияти ба даст наовардани фоида ва ҳатто фаро расидани оқубатҳои боз ҳам вазнинтари манфӣ, то нодор гаштани субъекти пешбарандаи фаъолияти соҳибкорӣ (В.А. Ойгензихт, А.В. Золотухин, А.А. Собчак, В.В. Грибанов, Я.М. Магазинер, А.И. Омелченко, О.М. Кабишева ва дигарон), мувофиқан, фаъолияти инноватсионӣ медонанд.

Кӯшиши танҳо бо фаро расидани оқубатҳои ногувор барои соҳибкор алоқаманд донистани таваккали соҳибкорӣ қобили қабул

нест. Соҳибкор дар ҳар сурат аз таваккал кардан дар фаъолитяи худ, ба он умед ва боварӣ дорад, ки натиҷаи фаъолияти ӯ барояш мусбӣ ва бобарор хоҳад буд ва барояш фоида (даромад) хоҳад овард (Раҳимзода М.З.). Муаллиф чунин андешаро пурра ҷонибдор аст.

Алоқамандони андеша дар хусуси фаъолияти соҳибкорӣ набудани фаъолияти инноватсионӣ низ кам нестанд, аз ҷумла В. Носкова, Ю. Сазыкина, Ю. Фомичев, Т.В. Ефимсева ва дигарон. Масалан, Т.В. Ефимсева таъкид мекунад, ки дар марҳилаи аввал, фаъолияти инноватсионӣ дорои аломатҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ буда, танҳо баъдан хусусияти соҳибкориро доро мегардад. Ҳатто фаъолияти инноватсионӣ баъдан мақсади соҳибкориро думболагирӣ намояд ҳам, онро фаъолияти соҳибкорӣ хондан дуруст нест, зеро лаҳзаи ба вуҷуд омадани манбаи фоида бо пайдо шудани маҳсулот ё технологияи нав алоқаманд мебошад, қайд мекунад ӯ.

Муаллиф бо чунин назари Т.В. Ефимсева ба тавсифи фаъолияти инноватсионӣ норозӣ будани худро иброз намуда, қайд мекунад, ки фаъолият, аз ҷумла фаъолияти инноватсиониро на аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани манбаи даромад, балки аз лаҳзаи ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муқаррааргардида аз қайди давлати гузаштани он метавон чунин  соҳибкорӣ ҳисобид.

Муаллиф, инчунин фикри Т.В. Ефимсеваро дар хусуси он ки ба фаъолитяи инноватсионӣ дар марҳилаи аввалаш на аломатҳои фаъолияти соҳибкорӣ, балки танҳо аломатҳои фаъолитяти илмӣ-техникӣ хос мебошанд, беасос мешуморад.

Муаллиф яқин будани онро, ки дар марҳилаи аввал фаъолияти инноватсионӣ бо анҷом додани тадқиқотҳои бунёдӣ, илмӣ-амалӣ ва илмӣ-техникии амалӣ алоқаманд мебошад, инкор накарда, ҳамзамон чунин меҳисобад, ки маҳз дар ҳамин зинаи фаъолияти инноватсионии бо анҷом додани тадқиқотҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ алоқаманд, дониш ва ғояҳои нав, коркардҳои нави илмӣ, хулосаҳои нави технологӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, ки баъдан дар молҳо, маснуоту маҳсулоти нав ё аз лиҳози сифат ба таври ҷиддӣ беҳтаркардашуда (такмилдодашуда) таҷассуми худро меёбанд, ки ба мақсади ба даст даровардани фоида (даромад) ё қонеъ гардонидани дигар ниёзмандиҳои гуногунранг истеҳсол ва тавассути шартномаҳо ба фурӯш бароварда мешаванд.

Дар зербоби сеюми боби якуми кори диссертатсионӣ – **“Ҳайати субъектӣ ва объектҳои фаъолияти инноватсионӣ”**, мафҳум,

намудҳои субъектҳо ва объектҳои фаъолияти инноватсионӣ дида баромада шудаанд.

Муаллиф ба он тавaҷҷуҳ намудааст, ки мафҳуми субъектҳои “фаъолияти инноватсионӣ” бо вуҷуди мафҳуми аз лиҳози муҳтаво ғанӣ буданаш, то кунун на дар сатҳи меъёри-ҳуқуқӣ ва на дар саҳифаҳои маъхазҳои таълимӣ ва илмии ҳуқуқию иқтисодӣ таърифи амиқу умумиэътирофгаштаи худро наёфтааст.

Дар маъхазҳои таълимӣ ва илмӣ ба таърифҳои гуногуни мафҳуми субъекти фаъолияти инноватсонии дучор омадан мумкин аст, ки таҳлили онҳо ба муаллиф имкон додааст як қатор камбудиву норасоии ҷиддии дар онҳо нуҳуфтаро ошкор намояд, аз ҷумла дар таърифҳои аз тарафи Т.В. Ефимсева ва Е.А. Марданшина пешниҳодшуда.

Дар таърифи аз тарафи Т.В. Ефимсева пешниҳод шудаи мафҳуми субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, доираи ин субъектҳо дар чорчӯбаи танҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии мустақилона ва ҳисоби худ ба вуҷуд оварандаи инноватсия маҳдуд шудааст. Дар таърифи пешниҳоднамудаи Е.А. Марданшина бошад, доираи субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дар намуди ниҳоят маҳдуд оварда шуда, муаллиф ба зумраи онҳо танҳо субъектҳои ҳуқуқро, ки дар фурӯш ва тадбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ иштирок мекунанд мансуб медонад.

Муаллиф таърифҳои пешниҳоднамудаи ин муаллифонро на он қадар дуруст меҳисобад. Доираи субъектҳои фаъолияти инноватсиониро воқеан васеъ дониста, муаллиф ба қатори онҳо на танҳо шахсонеро, ки мустақилона ва аз ҳисоби худ инноватсияро ба вуҷуд меоранд ё натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкториро ба фурӯш бароварда, тадбиқ мегардонанд, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиеро, ки худи инноватсияҳоро (бозёфту донишҳои нави илмӣ, ғояҳо, усул, тарзҳои исттеҳсол ва коркардҳои нави технологиро) меофаранд, инноватсияро дар объектҳои нав ё ба таври назаррас сифатан беҳтаркардашудаи (такмилдодашуда) моддӣ таҷассум менамоянд, ин объектҳои моддиро ба муомилоти маданӣ ҷиҳати б адаст даровардани фоида (даромад) мебароранд, мансуб медонад.

Ҷойгоҳи махсусро дар байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ паркҳои технологӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нисбатан нав мебошанд, ишғол менамоянд. Феълан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд паркҳои технологӣ, асосан дар назди

муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва коллеҷҳо амал мекунанд, масалан, дар назди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абуали Ибни Сино, Донишгоҳи техникии давлатии ба номи академик М.С. Осимӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ғайра.

Дар асоси таҳлили фаъолияти паркҳои технологии мазкур, муаллиф хулоса намудааст, ки паркҳои номбурда асосан ба иҷрои корҳои маъмулу муқаррарии ба фаъолияти инноватсионӣ робита надошта, масалан, таъмиру тармими мизу курсиҳо, бино ва синфхонаҳо, компютеру дигар воситаҳои техникӣ, истеҳсол намудани молу муҳсулоти ниёзи мардум (картошка, меваҷот, дигар маҳсулоти полнзӣ ва ғайра), машғул мебошанд. Аз ин рӯ, муаллиф таклиф намудааст, ки фаъолияти онҳо куллан таҷдиди назар карда шуда, худи паркҳои технологӣ мавриди дигаргунсозии ҷиддӣ қарор дода шаванд.

Дар зербоби чоруми боби якуми кори диссертатсионӣ – **“Сарчашмаҳои танзими фаъолияти инноватсионӣ ва намуди онҳо”** санадҳои асосии мавҷуда дар ин бахш, мавриди тадқиқ қарор дода шудаанд.

Дар маъхазҳои ҳуқуқӣ дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар маҷмӯъ манбаҳои танзимкунандаи фаъолияти инноватсионоро ташкил медиҳанд, чунин намудҳои онҳоро ҷудо мекунанд:

1) санадҳои хусусияти барномавӣ дошта (барномаҳо, консепсияҳо, асосҳои сиёсати давлатӣ);
2) қонунҳо;
3) санадҳои зерқонунӣ;
4) санадҳои муайянкунандаи механизмҳои дастгирии фаъолияти инноватсионӣ;
5) санадҳои ба низом даровarандаи ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти инноватсионӣ (дастурамалҳо, нишондодҳои услубӣ, қоидаҳо ва ҳ.к.).(М.В. Волинкина, И. Н. Кардаш).

Муаллиф ба санадҳои дохили давлатӣ ва санадҳои байналмилалӣ ҷудо намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зимни танзими фаъолияти инноватсионӣ истифодашавандаро авлотар медонад. Дар байни санадҳои дохили давлатӣ, муаллиф қонунҳо, санадҳои зериқонунӣ ва санадҳои доираи амалашон маҳдудро (санадҳои локалиро) ҷудо мекунад.

Ӯ зимни навиштани ин зербоб сохтор ва муҳтавои Стратегияи (дурнамои) инкишофи инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020[246] ва Барномаи давлатии ҳавасмандгардонии прогресси илмӣ-инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутаносибан 30 майи соли 2015 №354 ва 30 августи соли 2023 №417[234] тасдиқ шудаанд, мавриди таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба қарор дода, хулоса мекунад, ки ин ҳуҷҷатҳо манбаи танзимкунандаи ҳуқуқии фаъолитяи инноватсионӣ ба маънои том ва бевоситаи ин истилоҳ набуда, балки ҳуҷҷатҳое ҳастанд, ки дар онҳо мақсаду маром ва вазифаҳои муайян, инчунин роҳу тарзҳои ба онҳо ноил гаштан ва онҳоро ҳаллу фасл намудан муайян шудаанд. Меъёру муқаррароти онҳо бошад, нақши танзимнамоиро набозида, дар худ унсурҳои меъёрҳои ҳуқуқиро таҷассум накарда, хусусияти эъломиявӣ доштанд ва доранд.

Дар байни санадҳои қонунгузорӣ, ки муносибатҳои бахши инноватсия ва фаъолияти инноватсиониро танзим менамоянд, ҷойгоҳи марказиро Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 ишғол менамояд, ки меъёру муқарраротҳои зиёди он мустақиман ё бавосита ба фаъолияти инноватсионӣ дахл доранд, масалан, меъёру муқарраротҳои он оид ба иҷора, лизинг, паймонкорӣ, аз ҷумла паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ, паймонкорӣ барои ниёзмандиҳои давлат, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ, технологӣ, хизматрасониҳои пулакӣ, шартномаи консессияи тиҷоратӣ, моликияти зеҳнӣ ва чанде дигар меъёру муқарраротҳои он.

Дар баробари ин, муаллиф дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҷавоб мондани як қаттор масъалаҳои ба фаъолияти инноватсионӣ мустақиман ё бавосита алоқамандро қайд намудааст, аз ҷумла, масъалаҳои дар он ҷой надоштани меъёру муқаррарот дар бораи фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ, таърифи мафҳуми иҷозатнома (литсензия), шартномаи иҷозатдиҳӣ, иҷозатномаи озод, иҷозатномаи мустасно, сублитсензия ва ғайра.

Дар иртибот бо чунин ҳолат, муаллиф номукамал будани фасли VI қисми III Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки "Моликияти зеҳнӣ" номгузорӣ шудааст, қайд намуда, дар бораи ба он ворид намудани моддаҳои иловагӣ оид ба иҷозатнома (литсензия), шартномаи иҷозатдиҳӣ, иҷозатдиҳиии озод, иҷозатдиҳиии мустасно, сублитсензия, таклиф ба миён мегузорад, ки ҳадаф аз ин боз ҳам

қавитар намудани механизми танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки бидуни баланд бардоштани самаранокии он, гузаштани иқтисоди миллии мамлакатамон ба модели самти инноватсионӣ-иҷтимоӣ доштаи тараққиёти таъминкунандаи сатҳи баланди некӯаҳволии халқ ва баланд бардоштани сифати ҳаёти он аз тасаввур берун аст.

Ҷойгоҳи на камтар намоён дар низоми манбаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсиониро санадҳои ҳудуди амалашон маҳдуд (санадҳои локалӣ) ишғол менамоян.

Аз зумраи чунин санадҳо, қабл аз ҳама оинномаҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои локалии меъёрӣ-ҳуқуқи мебошанд, ки дар онҳо бояд ҳадафҳои таъсис додани ташкилот, вазифаҳои дар назди он гузошташуда, шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, асоси молу мулкӣ ва мақоми ҳуқуқии он муайян карда шавад. Ба сифати намунаи чунин санадҳо Оинномаи муассисаи давлатии илмӣ “Маркази инкишофи инноватсионии илм ва технологияҳои нави” Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки онро Раёсати академияи миллии илмҳо 26 декабри соли 2011 тасдиқ намудааст, Оинномаи парки технологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро, ки бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ 9 октябри соли 2015 тасдиқ шудааст, Оинномаи парки технологии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ, ки онро Шурои олимони Донишгоҳи мазкур 28 январи соли 2013 тасдиқ намудааст, Оинномаи парки технологии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров, ки он аз тарафи Шурои олимони Донишгоҳ 28 июни соли 2012 тасдиқ шудааст, Оинномаи парки технологии Донишгоҳи давлатии техникии ба номи академик М.С. Осимӣ, ки онро Шурои олимон Донишгоҳи мазкур бо қарори худ аз 6 июли соли 2012 №10 тасдиқ намудааст, овардан мумкин аст.

Таҳлили сохттор ва муҳтавои оинномаҳои мазкур дар онҳо ҷой доштани норасоӣ, камбудӣ ва холигиҳои ҷиддиро муайян кард. Ҳаҷми баъзе аз ин оинномаҳо, масалан, Оинномаи паркҳои технологии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров ҳамагӣ якуним-ду саҳифаро дар бар мегирад.

Чунин таасурот пайдо мешавад, ки гӯё зимни коркарди онҳо ба муносибати руякӣ роҳ дода шуда, худи оинномаҳо бошанд, барои вонамуд қабул шуда бошанд.

Бо дарназардошти чунин ҳолат, муаллиф ба таври ҷиддӣ таҷдиди назар намудани сохтор ва муҳтавои онҳоро ба миён гузошта, ҷиҳати аз нав кор карда, қабул намудани оинномаҳо ҷалби мутаххасисони баландихтисос-ҳуқуқшиносонро зарур медонад.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ **“Шартномаҳои дар бахши фаъолияти инноватсионӣ истифодашаванда”**, шартномаҳои зимни ба вуҷуд овардани инноватсияҳо истифодашаванда ва шартномаҳои зимни ба дигар шахсон таҳвил намудани ҳуқуқҳои истисноӣ барои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ истифодашаванда таҳлил шудаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюми кори диссертатсионӣ – **“Шартномаҳои зимни ба вуҷуд овардани инноватсияҳо истифодашаванда”,** нуқтаи назар ва андешаҳои гуногун дар бораи имконияти ҷой доштани шартномаҳои инноватсионӣ ҳамчун гурӯҳи алоҳида ва мустақили шартномаҳои мадани-ҳуқуқӣ, ҷойгоҳ ва нақши шартномаҳо оид ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоиши-конструкторӣ ва технологӣ, лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ, тадқиқу таҳлил шудаанд.

Дар маъхазҳои илмӣ дар бораи имконияти мавҷуд будани шартномаҳои инноватсионӣ ҳамчун гурӯҳи алоҳида ва мустақили шартномаҳои мадани-ҳуқуқӣ, андешаҳои гуногун иброз шудаанд. Як гурӯҳи олимон мавҷуд будани шартномаҳои инноватсиониро ҳамчун гурӯҳи алоҳида ва мустақили шартномаҳои мадани-ҳуқуқӣ эътироф мекунанд (Т.В. Ефимсева, В.А. Рассудовский ва дигарон). Ба ақидаи дигар гурӯҳи олимон бошад, барои ҷудо намудани шартномаҳои инноватсионӣ ба сифати шартномаҳои алоҳида ва мустақил ҳеҷ гуна асоси назариявӣ ва амалӣ вуҷуд надорад (Н.И. Кардаш, М.В. Волынкина ва дигарон). Гурӯҳи сеюми олимон дар хусуси имконпазирии мавҷудияти шартномаҳои инноватсионӣ ақида баён намудаанд.

Ба андешаи муаллиф, дар хусуси мавҷудияти шартномаҳои инноватсионӣ ҳамчун гурӯҳи алоҳида ва мустақили шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ сухан рондан бармаҳал аст. Муаллиф на дар хусуси шартномаҳои бо ном инноватсионӣ, балки дар хусуси шартномаҳои дар бахши фаъолияти инноватсионӣ истифода мешуда сухан ронданро афзалтар дониста, дар байни онҳо ба шартномаҳои зимни ба вуҷуд овардани (коркарди) худи инноватсияҳо, шартномаҳо оид ба таҳвили ҳуқуқҳои истисноӣ ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои фаъолияти

инноватсионӣ, шартномаҳо оид ба вуҷуд овардани шароитҳо ҷиҳати татбиқ намудан ва ба фурӯш баровардани натиҷаҳои (объектҳои) фаъолияти инноватсионӣ истифодашаванда ишора мекунад.

Ба шартномаҳои зимни ба вуҷуд овардани (коркарди) инноватсияҳо истифодашаванда, муаллиф шартномаҳо оид ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ ва технологиро мансуб медонад.

Ба ақидаи муаллиф, қаблан дар боби 36 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 11 декабри соли 1999 №884 ҷойгир намудани ин шартномаҳоро, ки ба пудрат бахшида буд, аз якчанд ҷиҳат комилан беасос меҳисобад. Якум, аз он ҷиҳат, ки шартномаҳои мазкур зимни иҷрои корҳои бунёдии илмӣ ва (ё) тадқиқотҳои амалӣ алоқаманд, яъне корҳои хусусияти эҷодӣ ва зеҳнӣ дошта, мавриди истифода қарор дода мешуданд. Шартномаҳои навъи паймонкорӣ бошад, ҳангоми иҷрои корҳои маъмул ва муқаррарии одатан хусусияти эҷодию зеҳнӣ надошта, истифода мешаванд. Дуюм, натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ ва технологӣ объектҳое мебошанд, ки барояшон тамоми аломатҳои объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки инноватсия (донишу бозёфтҳои нави илмӣ, ғояҳо, усул ва тарзҳои истеҳсолӣ хулосаҳои технологӣ) намунае аз онҳо мебошанд, хосанд. Натиҷаи корҳои аз рӯи шартномаи паймонкорӣ иҷро мешударо бошад, объектҳое ташкил медиҳанд, ки дорои аломатҳои объектҳои моликияти зеҳнӣ нестанд. Сеюм, натиҷаи иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоиши-конструкторӣ ва технологӣ, ба ғайр аз баъзе мавридҳои истисноӣ, хусусияти ғайримоддӣ доранд, дар ҳоле, ки натиҷаи иҷрои корҳои паймонкорӣ ҳамеша дар шакли моддӣ ифода меёбад.

Бо қабул намудани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24декабри соли 2022 ва дар боби 42 он ба сифати гурӯҳи алоҳида ва мустақил ҷойгир намудани шартномаҳо оид ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ ва технологиро муаллиф амали шоёни диққат ва дастгирӣ меҳисобад.

Дар Кодекси мадании ҶТ ба шартномаҳо оид ба корҳои лоиҳавӣ ва ҷустуҷӯи низ ҷой муайян ҷудо шудааст. Ин шартномаҳо дар боби 41 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба “Паймонкорӣ” бахшида шудааст, ҷой дода шудаанд.

Муаллиф аз лиҳози хусусияти зеҳнӣ ва эҷодӣ, натиҷаи корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯи ((лоиҳо, ангораҳо, амсилҳо, нақшаҳо,

ҳисобҳои технологӣ, хулосаҳо ва ғайра) назар ба корҳои паймонкорӣ, ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ ва технологӣ ва шартнома оид ба иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯиро ба шартномаҳо оид ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоииш-конструкторӣ ва технологӣ наздиктар ҳисобида, аз қатори шартномаҳои паймонкорӣ хориҷ намудан ва ба боби 42 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба оид ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ ва технологӣ бахшида шудааст, ҳамроҳ намудани онҳоро ба мақсад мувофиқ медонад. Дуюм, дар моддаҳои ба шартнома оид ба иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯи бахшида шуда, иваз намудан калимаи “паймонкор” ба калимаи “иҷрокунанда”-ро зарур медонад.

Зербоби дуюми боби дуюми кори диссертатсионӣ – **“Шартномаҳои зимни таҳвили ҳуқуқҳои истисноӣ ба истифодаи натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ истифодашаванда”**, ба шартномаҳои литсензионӣ ва консессия тиҷоратӣ бахшида шудааст.

Зимни таҳвили ҳуқуқи истифодабарии ҳуқуқҳои истисноӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, ки яке аз навъҳои он фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад, намудҳои гуногуни шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки яке аз онҳо шартномаи иҷозатдиҳӣ мебошад, ки қаблан дар доираи ҳуқуқи патентӣ, яъне нисбати ҳуқуқҳо ба объектҳои ҳуқуқи патентӣ дахлдошта корбаст мешуд.

Феълан истилоҳи “шартномаи литсензионӣ” нисбати тамоми шартномаҳо оид ба таҳвили ҳуқуқи истисноӣ ба истифодаи ҳамагуна натиҷаҳои (объектҳои) фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла натиҷаҳои (объектҳои) фаъолияти инноватсионӣ истифода мешавад, на танҳо нисбати объектҳои ҳуқуқи патентӣ.

Азбаски қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи расмии мафҳуми шартномаи иҷозатдиҳиро надодааст, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба Фасли VI Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба институти моликияти зеҳнӣ бахшида шудааст, моддаи нав бо номи “Шартномаи иҷозатдиҳӣ” бо матни зерин ворид карда шавад: “Шартномаи иҷозатдиҳӣ-созише, ки мувофиқи он дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ё воситаи фардикунонӣ (иҷозатдиҳӣ) ба тарафи дигар (литсензиат) ҳуқуқи истифодабарии чунин натиҷа ё воситаи фардикунониро медиҳад ё бояд диҳад, тарафи

дигар (литсензиат)бо шартҳо ва тартиби дар шартнома муайяншуда, диҳад".

Муаллиф ба баҳснок будани матни моддаи 1244 КМ ҶТ ба иҷозатномаи озод бахшидашудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки якум, дар ба шартномаи ҳамроҳшавӣ шабеҳ донистани иҷозатнома озод, дуюм, дар маҳдуд намудани амали литсензияи озод мутлақо дар доираи ба шахсони сеюм додани ҳуқуқи истифодаи ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуҳои бо онҳо ҳамҷавор, сеюм, дар эълон доштани ҳуқуқи ройгон ба истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои бо онҳо ҳамҷавор бидуни ҳеҷ гуна дигар шарти истифодаи онҳо, ифода меёбанд, ишора намуда, таҷдиди назар намудани таҳрири кунунии ин модда ва дар матни зерин дарҷ намудани онро пешниҳод менамояд: "Тибқи иҷозатнома озод –санаде, ки дар асоси он дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ё воситаи фардикунонӣ (литсензиар) уҳдадор мешавад ҳуқуқи истифодаи чунин натиҷа ё воситаро бо имконияти барои худ нигоҳ доштани ҳуқуқи ба шахси сеюм додани иҷозатнома ба ихтиёри литсензиат гузорад".

Шартномаи иҷозатдиҳӣ ягона шартнома дар ҷодаи таҳвили ҳуқуқҳои истисноӣ ба истифодаи натиҷаи фаъолитяи зеҳнӣ набуда, он инчунин тавассути шартномаи консессияи тиҷоратӣ сурат мегирад.

Бо вуҷуди дар Кодексҳои мадании давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон расман номбар шудани консессияи тиҷоратӣ, ҳамоно баҳс атрофи таносуби он бо шартномаҳои франчайзинг, иҷозатдиҳӣ, хизматрасонии боподош ва баъзе дигар шартномаҳои мадании-ҳуқуқӣ идома дорад.

Як қатор олимон мафҳумҳои "консессияи тиҷоратӣ" ва "франчайзинг"-ро ҳамчун мафҳумҳои ба ҳам айниятдошта меҳисобанд. (М.Ю. Василевская, О.А. Орлова, О.У. Усмонов, М.З. Раҳимзода, С.А. Зинченко, Г.И. Колесник, А.П. Белов, С.А. Бобоков, Н.А. Табаров ва дигарон). Гуруҳи дигари олимон дар ин масъала мавқеи муқобилро ишғол мекунанд. (С.А. Сосна, И. Рикова, Ж. Делтей, А. Цират, С.А. Семенова, Б.И. Пугинский, Д.К. Бобоев ва дигарон).

Мо андешаи он олимонеро, ки дар байни шартномаҳои консессияи тиҷоратӣ ва франчайзинг тафовут мегузоранд, пурра ҷонибдорӣ мекунем.

В.В. Витрянский, А.Ю. Кабалкин, О.А. Городов ва як қатор дигар олимон шартномаи консессияи тиҷоратиро ба зумраи шартномаҳо оид ба хизматрасонии боподош мансуб медонанд. Ба ин фикр дигар олимон розӣ нестанд (О.А. Орлова, Н.А. Табаров ва ғайра). Муаллиф ҷонибдори маҳз гурӯҳи дуюми олимон буда, ҷиҳати тақвияти мавқеи худ ба чунин аломатҳои фарққунандаи шартномаи консессияи тиҷоратӣ аз шартномаи хизматрасонии боподош ишора мекунад. Якум, гуногун будани мавзуи онҳо. Агар мавзуи шартномаи консессияи тиҷоратиро мутлақо маҷмӯи ҳуқуқҳои истисноӣ ташкил медода бошанд, пас ҳамчун мавзуи шартномаи хизматрасонии боподош ҳамагуна амал ва фаъолиятҳои тибқи қонун манъншуда, буда метавонанд. Дуюм, агар истифодабаранда аз рӯи шартномаи консессияи тиҷоратӣ уҳдадораст, ки маҷмӯи ҳуқуқи истисноии ба ӯ аз тарафи дорандаи ҳуқуқ додашударо мутлақо дар фаъолияти соҳибкории худ истифода барад, супоришдиҳанда аз рӯи шартномаи хизматрасонии боподош бошад, метавонад аз хизматҳои ба ӯ расонида баҳри қонеъ гардонидани ҳама гуна ниёзмандиҳояш истифода намояд. Сеюм, агар ба сифати тарафҳои шартномаи консессияи тиҷоратӣ танҳо соҳибкорон баромад мекарда бошанд, ҳамчун тарафҳои шартномаи хизматрасонии боподош, инчунин шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул набуда низ баромад карда метавонанд. Чорум, агар аз рӯйи шартномаи консесияи тиҷоратӣ ҳуқуқи истифодаи мавҷӯи ҳуқуқҳои истисноӣ ба муҳлати муайян дода шавад ва бо сипарӣ гаштани он ба дорандаи ҳуқуқҳо баргардонида шаванд, чунин ҳолат дар шартномаи хизматрасонии боподош ҷой дошта наметавонад, зеро, ки расондан ва истифода намудан аз хизматҳои тибқи шартномаи муайяншуда дар як вақт ва бебозгашт сурат мегирад. Панҷум, агар шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба таври ҳатмӣ аз қайди давлатӣ дар идораи патентӣ гузаронида шуда, танҳо пас аз анҷом додани чунин амал ҳуқуқ ба истифодаи маҷмӯи ҳуқуқи истисноӣ пайдо шавад (қ.2 моддаи 1133 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон), чунин расмиёт нисбати шартномаи хизматрасонии боподош татбиқ намешавад. Шашум, агар дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳаҷми муайяни (ҳаҷми ақал ва ниҳойии) истифодаи маҷмӯи ҳуқуқҳои истисноӣ муайян карда шавад, дар шартномаи хизматрасонии боподош барои супоришдиҳанда ҳеҷ гуна ҳаҷми истифодаи хизматрасониҳо муайян карда намешавад ва супоришдиҳанда метавонад аз хизматҳои ба ӯ

мерасонида дар ҳаҷми барои қонеъ намулани ниёзмандиҳои ӯ басанда, истифода барад.

Як қатор олимон (М. Менделсон, О.Н. Садиков, В.В. Зелесский) шартномаи консессияи тиҷоратиро ҳамчун як зернамуди шартномаҳои иҷозатдиҳӣ меҳисобанд, зеро ба андешаи онҳо, мавзуи ин шартнома низ таҳвили ҳуқуқҳои истисноӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ мебошад.

Гурӯҳи дигари олимон ( Е.А. Суханов, Д.К. Бобоев) ба мансуб донистани шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба зумраи шартномаҳои иҷозатдиҳӣ розӣ нестан. Зиёда аз он, баъзе аз онҳо на шартномаи консессияи тиҷоратиро ҳамчун як зернамуди шартномаҳои иҷозатдиҳӣ, баръакс шартномаи иҷозатдиҳиро ҳамчун як қисми таркибии шартномаи консессияи тиҷоратӣ меҳисобанд (масалан, Д.К. Бобоев).

Ақида дар бораи мушобеҳ набудани шартномаи консессияи тиҷоратӣ бо шартномаи иҷозатдиҳиро муаллиф низ ҷонибдор аст.

Тарафдорони эътироф намудани шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба сифати намуди алоҳида ва мустақили шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ низ кам нестанд (Е.А. Суханов, Л.В. Андреева ва дигарон), ки муаллиф бо онҳо ҳамовозии худро иброз дошта, чунин мешуморад, ки бо вуҷуди дар худ таҷассум намудани аломатҳои алоҳидаи шартномаи иҷозатдиҳӣ ва шартномаи хизматрасонии боподош, шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба онҳо табдил намеёбад.

Дигар намуди шартнома оид ба таҳвили ҳуқуқҳои истисноӣ барои истифодаи натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ, шартнома оид ба таҳвили ҳуқуқ ба истифодаи сирри истеҳсолӣ (ноу-хау) мебошад. Ин шартнома дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми танзими ҳуқуқии худро надошта, дар он ҳеҷ гуна меъёру муқаррароти махсус, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба таҳвили сирри истеҳсолӣ (ноу-хау)-ро муфассал ва якмаъно танзим мекарда бошанд, вуҷуд надоранд.

Инчунин, масаъалаи баҳснок, ба объектҳои ҳуқуқҳои истисноӣ таалluқ доштан ё надоштани сирри истеҳсолӣ (ноу-хау) мебошад, баъзе олимон онро ба объектҳои ҳуқуқҳои истисноӣ мансуб медонанд (О.А. Рузакова, В.А. Дозортсев). Дигар мутахассисон бошанд, онро ҳамчун объекти ҳуқуқҳои истисноӣ наҳисобида, танҳо дар хусуси зери монополияи воқеӣ қарор доштан ва иттилооти ҳифзшавандаи махфии

илмӣ-техникӣ, тиҷоратӣ молиявӣ дигар иттилооти дорандаи арзиши тиҷоратӣ будани он сухан меронанд.

Таҳлили шартномаи таҳвили сирри истеҳсолӣ (ноу-хау)-ро анҷом бахшида, муаллиф чунин хулоса ва таклифҳои дорои аҳамияти муайяни назариявӣ ва амалидоштаро ифода намудааст.

1. Сирри истеҳсолӣ (ноу-хау) ҳамчун натиҷаи (объекты) фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ, минбаъд дар истеҳсоли дигар объектҳои нав ё аз лиҳози сифат ба таври назаррас беҳтаркардашуда (такмилдодашуда) мавриди истифода қарор гирифта шуданаш мумкин аст;
2. Сирри истеҳсолӣ (ноу-хау) чунин натиҷаи фаъолият мебошад, ки қобилияти дар муомилоти маданӣ қарор доштанро дорад, яъне дорандааш метавонад онро ба шахсони сеюм ҷиҳати истифодаи минбаъда таҳвил намояд;
3. Муносибатҳо оид ба таҳвил додани сирри тиҷоратӣ (ноу-хау) ба шахсони сеюм тавассути шартномаҳо оид ба бегона намудан ё (ва) шартномаи литсензионӣ оид ба истифода бе бегонашавӣ таҳвил додани он ба расмият даровrouta мешаванд;
4. Шартномаҳо оид ба таҳвил додани сирри истеҳсолӣ (ноу-хау) ҷиҳати истифода намудан аз он, бо вуҷуди аҳамияти калони амалӣ доштанашон дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар ва танзим нашудаанд.

Боби сеюми кори диссертатсионӣ – **“Шартномаҳо оид ба муҳайё намудани шароитҳо баҳри ҷорӣ намудан ва фурӯши натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ”**, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми ин боб **“Шартномаҳо оид ба хизматрасонии инжинирингӣ”**, мафҳум, моҳият ва нақши инжиниринг ва хизматҳои инжиринги дар муҳайё намудани шароитҳо баҳри ҷорӣ намудани инноватсияҳо таҳлил шудаанд.

Ба сифати яке аз шартномаҳои дар бахши муҳайё намудани шароитҳо баҳри ҷорӣ намудани инноватсияҳо истифодашаванда, шартнома оид ба расонидани хизмати инжинирингӣ баромад мекунад.

